КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

аз «18» сентябри соли 2019 №178 ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505)

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба Султонзода Тоҷибой Султонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дар мавзӯи «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик бинобар риоя нагардидани талаботи банди 66 Низомнома намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва банди 22 Низомномаи шӯроҳои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, №2/5) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба Султонзода Тоҷибой Султонӣ рад карда шавад.

3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии Шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2019.

Раис А. Розиқзода